Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии ухдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии ухдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти кишвар аз 6 феврали 2018, №1005 тасдиқ шудааст, муайян мекунад, ки иқтисоди бозорӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, ба хусус соҳаи соҳибкорӣ, як замингоҳи асосии рушди иқтисодиёти миллӣ ва давлатдорӣ мебошад. Тағирот ба иқтисоди бозорӣ, таъмин намудани озодии иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, ки дар доираи қонун иҷозатдодашуда мебошанд, баробарии рақобат, маҳдуд кардани монополияҳо, фароҳам овардани фазои ягонаи иқтисодӣ ва ҳамкории кишвар бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, инчунин таъсиси муҳити ҳуқуқии мусоид барои кафолат додани гуногуншаклии моликият, бо такя ба моликияти хусусӣ, ҳадафи аслӣ дар рушди соҳибкорӣ ва мукаммалсозии он мебошад. Ҳамзамон, дар ҳамин ҳуҷҷат қайд шудааст, ки барои амалӣ кардани ин мақсадҳо, якчанд тадбирҳо, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд,

пешбинӣ шудаанд, ки на ҳамаи онҳо то кунун иҷро шудаанд.

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ва рушдёбии бахши хусусӣ, масъулият дар таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ аҳаммияти муҳим пайдо кардааст. Бе механизми муассири масъулият, таъмин кардани рафтори дурусти иштирокчиёни муомила ва кафолат додани ҳуқуқи онҳо ғайриимкон аст. Мафҳуми "ҷавобгарии ҳуқуқӣ" ва масъалаҳои он, аз ҷумла асосҳо, шартҳо, аломатҳо ва вазифаҳо, ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи ҳуқуқӣ, бахусус дар соҳаҳои алоҳида, яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқи маданӣ ва дигар соҳот боқӣ мемонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳс дар бораи мафҳуми "ҷавобгарии ҳуқуқӣ" мавҷуд аст. Мушкилоти муайян кардани гуноҳ ҳамчун шарти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМ ҶТ) барои вайрон кардани уҳдадориҳо боқӣ мемонад. Дар Кодекс мафҳуми "гуноҳ" муқаррар нашудааст, вале дар назария гуноҳ ҳамчун муносибати равонии шахс ба рафтори худ фаҳмида мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсия хосиятҳои нав ва беназир дорад, зеро он ҳамчун таҳқиқоти аввали ҳамаҷонибаи масъалаи гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ анҷом ёфта, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад: – мафҳуми нав ва умумии гуноҳ дар ҳуқуқи римӣ бо таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи римӣ ва шеваҳои мавҷуда, ки ба мафҳуми гуноҳ дар ҳуқуқи хусусии римӣ дахл доранд, таҳлил гардида, зарурати пешниҳод кардани мафҳуми нав асоснок шудааст; – асосҳои методологии таҳқиқи гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд; – тафсири муфассали мафҳумҳои гуногун, бо таваҷҷӯҳ ба қонуни муқарраркунандаи бегуноҳии шахс, моҳияти гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ, инчунин мафҳумҳои гуноҳи қарздор, гуноҳи кредитор (қарздиҳанда), гуноҳи шахси ҳуқуқӣ, гуноҳи соҳибкорони инфиродӣ, сӯиқасд, беэҳтиётӣ ва дараҷаҳои гуногуни он (аз ҷумла беэҳтиётии одӣ ва дағалона) бо шарҳи муфассал пешниҳод шудаанд; – дар масъалаи такмили қонунгузории маданӣ, пешниҳодҳо оид ба беҳтар кардани қонунгузории маданӣ, ки масъалаҳои гуноҳи вайронкунандаи уҳдадориҳои шартномавиро танзим мекунад, таҳия ва асоснок карда шудаанд; – ин таҳқиқот на танҳо масъалаҳои назариявии муҳимро равшан мекунад, балки заминаи амалии мукаммали ислоҳоти қонунгузорӣ пешниҳод менамояд.

Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки чунин хусусиятҳои фарқкунандаи

гуноҳ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маданӣ чунин ба назар мерасанд:

1) Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ гуноҳ қасдона ё аз беэҳтиётӣ дар содир намудани он кирдорҳое мебошад, ки дорои аломатҳои объективии ҷиноятҳои мушаххас мебошанд ва ба сифати чунин аломатҳо дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятии дахлдор нишон дода шудаанд. Дар қонунгузории маданӣ бошад, гуноҳ қасд ё беэҳтиётӣ ҳангоми содир кардани ҳама гуна амале мебошад, ки ҳуқуқи субъективии шахси дигарро вайрон мекунад.

2) Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ, агар гуноҳ набошад, ҷавобгарӣ вуҷуд надорад (қ. 3 м. 7 КҶ ҶТ). Қонунгузории маданӣ, инчунин қоидаи умумиро дар бораи ҷавобгарӣ барои зараре, ки бе гуноҳ расонида шудааст, муқаррар мекунад (м. 465 КМ ҶТ).

3) Дар қонунгузориии ҷиноятӣ гуноҳи шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, ба назар гирифта мешавад. Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад (қ. 2 м. 15 КМҶ ҶТ). Суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ надоранд, ки вазифаи исбот кардани бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда гузоранд (қ. 2 м. 21 КМҶ ҶТ). Дар ҳуқуқи маданӣ бошад, исботи бегуноҳӣ ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки уҳдадориро вайрон кардааст (қ.қ. 2 ва 3 м. 462 КМ ҶТ). Шахс ҳангоме бегуноҳ дониста мешавад, ки агар бо вуҷуди ҳама гуна ғамхорӣ ва мулоҳизакорие, ки вобаста ба хусусияти уҳдадорӣ ва шарти муомилот аз он талаб карда мешавад, ҷиҳати ичрои боматлуби уҳдадорӣ ҳама тадбирҳоро андешида бошад.

4) Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ масъала на дар бораи ҷуброни зарари молумулкӣ, балки дар бораи ҷавобгарии шахсии шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, ҳал карда мешавад. Яъне дар ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаҳои тарбиявӣ, чун қоидаи умумӣ, бо роҳи бевосита таъсир расондан ба шахсияти ҷинояткор бо роҳи таъсиррасонии маҷбурии давлатӣ ҳал карда мешаванд. Мавҷудият ё набудани гунаҳгорӣ дар асоси меъёри субъективии баҳодиҳии рафтори ҷинояткор муайян мегардад. Таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ба меъёри объективии баҳо додан ба рафтори шахсе, ки кирдори ғайриқонунии зарарнок содир кардааст, асос меёбад.

5) Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба шахси гунаҳгор чораҳои дар қонунгузорӣ мушаххас пешбинишуда татбиқ карда мешаванд (м. 47 КҶ ҶТ). Дар ҳуқуқи маданӣ бошад, ин чораҳо бо тарзҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ (м. 11 КМ ҶТ) ва тарзҳои дар шартнома пешбинишуда татбиқ карда мешавад (саҳ.73-74).

Ҷамбаҳои мусбии диссертатсияи таҳқиқшаванда дар он аст, ки бори аввал аз тарафи муаллиф мафҳуми гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ пешниҳод карда шудааст: гуноҳи шахси ҳуқуқӣ муносибати рухии мақомоти шахси ҳуқуқӣ, кормандони мақомоти шахси ҳуқуқӣ ва шахсони дигаре, ки шахси ҳуқуқӣ дар иҷрои уҳдадориҳо ҷалб намудааст, хилофи талаботи қонунгузорӣ ва ё шартнома ва оқибатҳои он буда, дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ содир гардида, боиси пайдо шудани ҷавобгарии мадании шахси ҳуқуқӣ мегардад.

Дар ҳуқуқи мадании муосир мафҳуми аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснокшудаи ҷавобгарии мадании давлат вуҷуд надорад. Зимнан, фаъолияти ҳуқуқӣ дар иқтисодиёт бояд аз бунёди заминаи ҳуқуқии муосир, ки ин навъи муносибатҳои иҷтимоиро, яъне муносибатҳои моликиятро бо иштироки давлат ба таври муассир танзим намояд, оғоз гардад.

Иқтисод танҳо дар сурате самаранок мешавад, ки низоми масъулияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ташаккул ёфта, мавқеи фаъоли субъектҳои ҳуқуқ амалӣ карда шавад. Афзоиши ҳолатҳои ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор барои амали (беамалии) ғайриқонунӣ, инчунин ҷуброни зарари аз ин кирдор расонидашуда, аз омилҳои инкишофи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷавобгарии мадании давлат ҳамчун як навъ ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои тамоми сифатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Он аз амали давлат ҳамчун фактҳои ҳуқуқие ба миён меояд, ки ба поймол шудани ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Назарияи ҷавобгарии шаҳрвандии давлатро бисёр ҳуқуқшиносони ватанӣ меомӯзанд, ки масъалаҳои умумии субъекти ҳуқуқи мадании давлат ва проблемаи масъулияти давлатро барои расонидани зарар дарбар мегиранд.

Давлат ҳамчун субъекти муносибатҳои молумулкие, ки бо қонуни маданӣ танзим мешаванд, баромад карда, бояд аз рӯйи уҳдадориҳои худ ҳангоми иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо ҷавобгар бошанд (саҳ149).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо таҳлили воқеӣ ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба паҳлуҳои гуногуни гуноҳ марбут аст, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои қабулшуда дар илм,

мафҳумҳо ва тавсияҳои назариявӣ ва амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти ҷавобгарии шартномавӣ ва гуноҳ, таҳқиқи ҳолати ҳозира, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самараноки ҳифзи судӣ дар ҳолати вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ асос мегирад.

Таҳқиқот дар асоси таҳлили ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии гуноҳҳо ва масъулияти шартномавӣ, инчунин муқоиса бо қонунгузории байналмилалӣ, кӯшиш мекунад, ки ба беҳтар кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалии судӣ дар ҳолатҳои вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ ноил гардад.

Диссертатнт нишон медиҳад, ки чӣ гуна таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти ҷавобгарии шартномавӣ ва таҳлили илмии вазъияти кунунӣ метавонанд ба беҳбуди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ ва самаранокии низоми ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Муаллиф чунин хулоса мекунад, ки бо мақсади такмили қонунгузории амалкунанда ва аз байн бурдани норасоиҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ чунин тағйиротҳо ба қонунгузории амалкунанда пешниҳод карда мешаванд:

Ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Дар моддаи 2, қисми шашум дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Қонунгузории маданӣ муносибатҳои байни иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодиро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамояд. Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.»;

2. Дар қисми 1 моддаи 3 пас аз калимаҳои «ҳуқуқҳои вайронгардидаи маданӣ» аломат ва калимаи «, гуноҳ» илова карда шавад;

3. Дар моддаи 3 қисми ҳафтум дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ танҳо дар ҳолате ба ҷавобгарии маданӣ кашида мешаванд ва нисбати онҳо чораҳои дар моддаи 11 ҳамин Кодекс, қонунгузорӣ ва шартномаҳо татбиқ карда мешавад, ки гуноҳи онҳо исбот шуда бошад. Исботи бегуноҳӣ ба зиммаи шахсе, ки гуноҳро содир намудааст, вогузор карда мешавад.».

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммиятӣ назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор мафҳумҳои назариявӣ, ки дар диссертатсия таҳия ва тасниф гардидаанд, метавонанд назарияи ҳуқуқии маданиро дар мавриди гуноҳҳо дар ҳуқуқи маданӣ, бахусус гуноҳ дар муносибатҳои шартномавӣ, ба таври назаррас ғанӣ созанд. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳо метавонанд дар ҷараёни ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи маданӣ истифода шаванд ва дар таҳқиқоти минбаъда дар бораи моҳияти гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ асос гузоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки мафҳумҳои муайяни мавриди таҳқиқот бо тарзи дақиқ шарҳ дода шудаанд ва меъёрҳои махсус барои ҷудо кардани шакл ва дараҷаҳои гуноҳҳои шартномавӣ пешниҳод шудаанд. Ин ба маъмурияти судӣ имконият медиҳад, ки амалияи татбиқи меъёрҳо дар мавриди гуноҳҳои шартномавӣ яксон ва ҳамоҳанг бошад. Ғайр аз ин, пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда метавонанд дар таълими фанҳои дахлдор ва омодасозии воситаҳои таълимӣ-методӣ истифода шаванд. Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди амалии ҳуқуқӣ ва таҳкими назарияи ҳуқуқи маданӣ дар мавриди муайян кардани гуноҳ нақши муҳимро иҷро намояд. Пешниҳодҳои вобаста ба таъриф ва таснифи гуноҳ, ки дар диссертатсия дарҷ шудаанд, метавонанд дар такмили муҳити ҳуқуқӣ ва пурзӯр кардани механизмҳои ҳуқуқии барои таъмини иҷрои шартномаҳо ва ҳифзи ҳуқуқи тарафҳо бо истифода аз қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ таъсир гузоранд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба таҳкими ислоҳоти қонунгузории миллӣ, махсусан дар самти вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва баланд бардоштани самаранокии равандҳои судӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи шартнома кӯмак расонанд. Ҳадафи асосии таҳқиқот таъмини роҳҳои дуруст ва мувофиқ барои баррасии дуруст ва тибқи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мавриди муҳокима қарор додани гуноҳҳо ва вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар натиҷа ба беҳбуди амалияи ҳуқуқӣ ва таъмини адолат дар муносибатҳои шартномавӣ оварда мерасонад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои шуъбаи номбурда муҳокима шудаанд.

Дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзуъ ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд.

Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Дар рисола баъзе масъалаҳои баҳсбарагез мавҷуд аст:**

1. Дар нуктаи 6 ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд мегардад, ки» «…дар доираи муносибатҳои ҳуқуқи мадани, ҳодисаи субъективӣ ҳамчун ҳадди гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ дар назар аст. Қайд мегардад, ки ин ҳодиса дар доираи қувваи рафънопазир сарҳад дорад. Меъёри байни ҳодисаи субъективӣ ва қувваи рафънопазир аз рӯйи хатти шартӣ гузаронида мешавад, ки дар он ҳодиса танзими ихтиёрии рафтори шахс ғайриимкон мегардад. Ин хати шартӣ вақте ташкил мешавад, ки ҳар гуна кӯшиш барои танзими рафтори шахс на танҳо ғайриимкон, балки далели ошкоркунандаи он аст, ки шахс намебояд ё наметавонад уҳдадориҳоро ба таври дахлдор иҷро кунад.

Дар ҳақиқат ҳам ҳодиса дар ҳуқуқи маданӣ воқеаи ҳуқуқие мебошад, ки бо иродаи шахсе, ки ба он нигаронида шудааст, рух намедиҳад ва дар шароит ва эҳтиёткорие, ки қонун нисбат ба молу мулки дигарон ва иҷрои уҳдадориҳо пешбинӣ кардааст, дар назар дошта намешавад, аммо дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар баъзе ҳолатҳо ин масъала ба инобат гирифта намешавад. Ин мумкин аст аз мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиққунӣ ва ё нокифоя будани дараҷаи фаҳмиши ҳуқуқӣ ё дараҷаи тахассус вобаста бошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф агар ба ин масъала равшанӣ меандохт, ба мақсад мувофиқ мебуд.

2. Дар банди 2 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, муаллиф ибрози ақида намудааст, ки: “Ба андешаи муҳаққиқ, барои шиносоии кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс зарур аст, ки унсурҳои таркибии ҷавобгарии маданӣ (ҳуқуқвайронкунии маданӣ, гуноҳ, робитаи сабабӣ, зиён (зарар)) мавҷуд бошанд. Ҳамоҳангии ин унсурҳо барои эътироф кардани кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахс зарур мебошад. Масъалаҳо доир ба уҳдадорӣ ҳангоми расонидани зиён ва масъулият барои гуноҳи шахсони сеюм хусусиятҳои хоси ҷавобгарии маданӣ мебошад, ки бо чунин хусусиятҳо ҷавобгарии маданӣ аз дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ фарқ мекунад”.

Мо ин пешниҳоди муаллифро ҷонибдорӣ менамоем, аммо муаллиф дар ин бора дар қонунгузории маданӣ ҷой намудани ин унсурҳо пешниҳоди амалӣ накардааст. Агар чунин пешниҳод дар намуди меъёри алоҳида дар Кодекси маданӣ пешбинӣ мегардид, пас ин нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшуда мавқеи дигарро мегирифт. Бинобар ин, мавқеи муаллифро дар ҳимояи ошкоро муайян кардан мехостем.

3.Унвонҷӯ пешниҳод намудааст, ки дар моддаи 3 Кодекси мадании ҶТ қисми ҳафтум илова карда шавад. Мухтасар сухан дар бораи татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ меравад, ки агар гуноҳ ва таваккали беасоси онҳо исбот шавад. Ин пешниҳод баҳснок буда, асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз:**

Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ мусоидат карда, боиси он мегардад, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил

ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории маданӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан фаъолияти судҳо ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи маданӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалияи судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

Дар умум, Додозода Абдуманон Махсуд сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ходими хизматнишондодаи илм ва техникаи Тоҷикистон Исмоилов Ш. М.

**«Имзои Исмоилов Ш.М.-ро тасдиқ мекунам»:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«10» 01 2025 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимова 64/14 Тел.: (+992 237) 231–08–37, 231–02–01. E–mail: Feit–2012@mail.ru
http//www.feif.tj